# «НАВСОЗИИ МУНДАРИҶАИ ТАҲСИЛОТ-ОМИЛИ БАЛАНДБАРДОРИИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ»

Таҳти ин унвон имрӯз, 22 октябри соли 2025 бо мақсади иҷрои талаботи банди 14 Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ баргузор гардид. Дар кори конференсия ходимони илмӣ, олимону муҳаққиқон, омӯзгорон, магистрантон, докторантон (PhD) ва дигар алоқамандони соҳаи илму маориф иштирок намуданд. Конференсияро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, зимни суханронии худ қайд намуда, ки мо дар марҳилаи навини таърихии худ қарор дорем-марҳилае, ки таҳти роҳбарии  хирадмандона ва маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар заминаи имкониятҳои фароҳамнамудаи Истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати сартосарӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла, маориф ва илм, дар масири навсозӣ ва рушди босубот қарор гирифтаанд. Дар ин марҳила мо бояд ба таълиму тарбия ва сифати дониши насли наврас аз ҳарвақта бештар кӯшиш ба харҷ диҳем ва дар ин самт бештар пажӯҳиш  анҷом дода, аз натиҷаи он мақолаву дастурҳо нашр намоем. Дар идома ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон        И. Каримова суханронӣ намуда, иброз доштанд, ки Истиқлоли давлатӣ ба халқи тоҷик имкони таърихие фароҳам овард, ки низоми миллии маориф ва тарбияро дар заминаи арзишҳои миллӣ, ниёзҳои воқеии ҷомеа ва ҳамзамон бо назардошти меъёрҳои байналмилалӣ роҳандозӣ намояд. Дар ин давра, зарурати навсозии мундариҷаи таҳсилот ҳамчун ҷавоб ба таҳаввулоти босуръати илму техника, ҷаҳонишавии низоми таълим ва тағйирёбии талаботи бозори меҳнат дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор гирифт. Дар рафти ҳамоиши илмӣ И. Лутфия - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Заминаҳои педагогӣ-психологии худтарбиякунии насли наврас дар замони муосир» ва Х.Алишер - ходими илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Нақши таҳқиқоти амал дар рушди маҳорати касбии омӯзгор» маъруза намуданд.






АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН ВА ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ
МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИРО ЗАРУР АСТ, КИ ВАЗЪИ
АМАЛШАВИИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФРО ҲАМАҶОНИБА ОМӮХТА,
ҶИҲАТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР, ҶОРӢ
КАРДАНИ ТАҶРИБАИ НАВУ ПЕШҚАДАМ ВА САТҲУ СИФАТИ КИТОБҲОИ
ДАРСӢ ДАР ҲАМАИ ЗИНАҲОИ ТАҲСИЛОТ ЧОРАҶӮЙ НАМОЯНД.
ЭМОМАЛӢ РАҲМОН


ЭМОМАЛӢ РАҲМОН











АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН ВА ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ
МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИРО ЗАРУР АСТ, КИ ВАЗЪИ
АМАЛШАВИИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФРО ҲАМАҶОНИБА ОМӮХТА,
ҶИҲАТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР, ҶОРӢ
КАРДАНИ ТАҶРИБАИ НАВУ ПЕШҚАДАМ ВА САТҲУ СИФАТИ КИТОБҲОИ
ДАРСӢ ДАР ҲАМАИ ЗИНАҲОИ ТАҲСИЛОТ ЧОРАҶӮӢ НАМОЯНД.
ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

